Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

4 майи соли 2024
Шанбе
№ 35 (15046)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУҲИМИЯТИ ВУСЪАТ ДОДАНИ МУЛОҚОТИ ОШКОРО ВА ШАРИКӢ ТАЪКИД ГАРДИД

**3 май дар қароргоҳи «Кӯксарой» иҷлосияи дуюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.**




Дар чорабинӣ таҳти роҳбарии сарвари давлати мо президенти Бонки таҷдид ва рушди Аврупо Одил Рено-Бассо, роҳбарони ширкат ва бонкҳои машҳур, аз ҷумла «Masdar», «Indorama», «ACWA Power», «Air Products», «Calik», «Suez», «Orascom», «Cengiz», «Aksa», «HP», «Linde», «Procter&Gamble», «Visa», «CAMCE», «John Deere», «Huawei», «Airbus», «Orano», «Commerzbank», «Total», «PASHA Holding», ҳамчунин намояндагони созмонҳо ва идораҳои байналхалқиву молиявӣ – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва пешрафт, Бонки умумиҷаҳонӣ, Иттиҳодияи байналхалқии молиявӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки рушди исломӣ ва Иттиҳодияи байналхалқии исломии тиҷоративу молиявӣ ширкат ҷустанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ДУЮМИ УМУМИИ ШӮРОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

Муҳтарам иштирокдорони Шӯро!

Хонуми муҳтарам Рено-Бассо!

Шуморо дар ҷамъомади дуюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ самимона хайрамақдам мегӯям. Аз он ки дар ҷамъомади кунуниамон шарикони наздик – роҳбарони ширкатҳои номдор ва идораҳои машҳури молиявии ҷаҳон, ҳамчунин шарикони нави худро мебинем, хеле хурсандам.

Дар давраи сипаришуда Шӯро фаъолияти самарабахши худро намоиш дод. Ба шарофати дастгирии ҳамаҷониба ва эътибори махсуси шумо ба ислоҳоти мо кумаки назаррас расонида шуд.

Ғоя ва ташаббусҳои шумо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвари мо фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. Анҷумани байналхалқие, ки шумо дирӯз дар он иштирок кардед, хеле пурмаҳсул ва пурмазмун гузашт, пешниҳодҳои рӯзмарра садо доданд, бисёр муоҳидаҳои муҳим ба имзо расиданд.

Аз имконият истифода бурда, ба шумо, дӯстони қарини мамлакати мо барои саҳми сазоворатон дар рушди Ӯзбекистони Нав миннатдории амиқ изҳор мекунам.

Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!

Тавре ки шумо медонед, ҳоли ҳозир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ номуътадилӣ авҷ мегирад, бӯҳронҳои энергетикӣ, хӯрокворӣ ва экологӣ торафт ҷиҳати ҷиддӣ пайдо мекунанд. Дар чунин шароити мураккаб танҳо амалҳои пухта, ҳамаҷониба мувофиққардашуда ва мушаххас ба мо имкон медиҳанд ба қуллаҳои баланди пешбинишуда даст ёбем.

Дирӯз дар суханронии худ ман дар бораи натиҷаҳои бадастомада ва самтҳои бартариноки сиёсати сармоявии Ӯзбекистони Нав муфассал ҳарф задам. Имрӯз мехоҳам суханони шуморо шунавам.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# НАҚШАҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ТИҶОРАТИ ШИРКАТҲОИ ПЕШБАРИ ИМА, ЧИН, АВРУПО ВА МИСР ДАР МАМЛАКАТИ МО БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 3 май дар доираи барномаи Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд ва ҷамъомади Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ ҳайати вакилонро таҳти сарварии раиси Палатаи савдои Амрико – Ӯзбекистон Кэролин Лэмм, роҳбарони ширкатҳои пешбари Чин, як қатор ширкатҳои пешбари Аврупо ва раиси ширкати «Orascom Imvestment Holding»-и Миср Наҷиб Савирисро қабул кард.***





Дар рафти мулоқот бо Кэролин Лэмм сатҳи кунунии шарикии стратегии Ӯзбекистону Амрико, инчунин саҳми арзандаи палата дар рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузории байни кишварҳоямон таъкид гардид.

Дар рафти мулоқот инчунин роҳбарони ширкатҳои «Air Products», «CNH Industrial» ва «Silverleaf» иштирок карданд.

Ҳаҷми савдои мутақобила ва сармоягузорӣ мунтазам меафзояд, лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, мошинсозӣ, саноати хӯрокворӣ ва ғайра бомуваффақият амалӣ мешаванд.

Кэролин Лэмм аз номи доираҳои тиҷоратии ИМА ба сарвари давлатамон барои таваҷҷуҳи шахсӣ ва дастгирии ҳаматарафа ба ҳамкории иқтисодии ду мамлакат самимона миннатдорӣ баён кард.

Нақшаҳои мушаххаси тиҷорати амрикоӣ оид ба васеъ гардондани фаъолият дар Ӯзбекистон, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами воситаҳои молиявӣ ва механизмҳо, инчунин татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои мухталиф баррасӣ шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ПЕШНИҲОДОТ ДАР БОРАИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАҶМИ ХИДМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ МУҲОКИМА ГАРДИД

**Президент Шавкат Мирзиёев 3 май бо пешниҳодот дар заминаи минбаъд такмил додани низоми хидматрасонии иҷтимоӣ шинос гардид.**

Дар Конститутсияи нави Ӯзбекистон мамлакатамон чун давлати иҷтимоӣ муайян гаштааст, ки дар он дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити баробар барои ҳар кас кафолат дода шудааст. Бинобар ин ба рағбатноксозии меҳнати шахсони ногиро, хидматрасонии иҷтимоӣ ба шахсоне, ки ба шиканҷа ва зӯроварӣ дучор гаштаанд, эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Ҳоло маҳсулоти корхонаҳое, ки кормандонаш ногиро ба шумор мераванд, дар асоси қарордодҳои бевосита дар доираи фармоиши давлатӣ танҳо дар сурате, ки агар муассиси корхона иттиҳодияи ногироҳо ба шумор равад, харид мегардад.

Ҳамзамон дар мамлакатамон 669 корхона ва 8,3 ҳазор соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки 50 фоизи коргарони онҳоро шахсони ногиро ташкил менамоянд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ВОРИД КАРДАНИ ЯК ҚАТОР ДИГАРГУНИҲО БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Ба мақсади таъмин кардани мустақимии чораҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ, дастгирӣ намудани шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, нигаронида шудаанд, дар пояи равандҳои бозаргонӣ, ҳамчунин мушаххас сохтани миқдори нафақа ва кумакпулиҳо на камтар аз харҷҳои камтарини муқарраршудаи истеъмолӣ:

1. Ба баъзе фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замима тағйирот ворид карда шаванд.

2. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*30 апрели соли 2024.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ДУЮМИ УМУМИИ ШЎРОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Хонуми муҳтарам Рено-Бассо, барои ман фикру ақидаҳои шумо бағоят бақадр мебошанд. Иштироки бевоситаи шумо дар анҷуманҳо ва дастгирии фаъолатон аз кори Шўро, бидуни шубҳа, моро рўҳбаланд мекунад ва ба мулоқоти ошкоро, пурмуҳтавову пурмаҳсул дар доираи платформаи мазкур мусоидат менамояд.

Мехостам фаъолияти Гурўҳи кориро, ки дар тайёр кардани лоиҳаи қонунҳо дар бораи сармояҳо ва минтақаҳои озоди махсус саҳм гузоштааст, бо қаноатмандии хоса қайд намоям.

Муътақидам, ин ҳуҷҷатҳои муҳим, ки аз ҷониби коршиносон андешида шудаанд, дар такмил додани муҳити мусоиди сармоявӣ ва соҳибкории мамлакат аҳамияти мушаххас хоҳанд дошт.

Ғайр аз ин, барои мо таҳлили сиёсати сармоявӣ, ки аз ҷониби гурўҳи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оғоз ёфтааст, хеле муҳим мебошад. Ин лоиҳа ба мо имкон медиҳад самтҳои асосии минбаъд беҳтар кардани муҳити сармояивиро дар мамлакат муайян кунем ва механизмҳои самарабахшро фароҳам оварем.

Мо ба дастгирии доимии созмон, таҳлили амиқи он ва манфиатдориаш аз вусъати минбаъдаи ҳамкории қарин баҳои баланд медиҳем.

Мулоқоти рўшод ва самарабахше, ки дар байни ҳукумат ва сармоягузорон барқарор шудааст, барои рушди устувори иқтисодӣ ҷиҳати асосӣ ба шумор меравад. Бешубҳа, моро зарур аст, ки якҷо ҳанўз бисёр вазифаҳои муҳимро ҳаллу фасл намоем, бинобар ҳамин ҳам имрўз даъват мекунам, ки ҳама сарҷамъона кор кунем, ҳампои замон бошем, якҷо нақшаҳои мушаххасро андешем ва саъю ҳаракатҳои худро беш аз пеш ҳамоҳанг созем.

Пешниҳод мекунам, ки дар доираи Шўро бинобар самтҳо гурўҳҳои корӣ ташкил карда шаванд, шуморо бобати куллан татбиқ намудани пешниҳоди онҳо ба иштироки фаъолона даъват менамоям.

Якум, ин рушди бозори сармоя аст. Дар самти мазкур бояд ба ҷалби васеи сармояҳои дохиливу хориҷӣ дар пешрафти маркази байналхалқии молиявӣ эътибори махсус дода шавад, ки ба талаботи сармоягузорони хориҷӣ куллан ҷавобгў бошад.

Дуюм, масъулияти ҷорӣ кардани тиҷорат. Дар ин бобат васеъ ҷалб намудани равандҳои дахлдори Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, ки ба таъмин сохтани эътидол, шаффофият ва рўшодии иқтисодиёт нигаронида шудаанд, аҳамияти муҳим дорад.

Сеюм, рағбатноксозии сармояҳои муқобил. Бобати фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои зиёд кардани стартапҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ, сармояҳои муштарак коркард ва қабул намудани қонуни нав «Дар бораи сармояҳои венчурӣ» аҳамияти махсус дорад.

Чаҳорум, рақамикунонии низоми кор бо сармоягузорон. Фикр мекунам, фурсати коркард ва дар амал васеъ ҷорӣ намудани платформаи мукаммали электронӣ барои татбиқсозии тамоми хидматҳои байни сармоягузорони хориҷӣ ва мақомоти давлатӣ расидааст.

Бори дигар мехоҳам таъкид намоям, ки барои мо дониш ва таҷрибаи ғании шумо, муносибатҳои замонавӣ бағоят муҳим мебошанд. Бовар дорам, ки ба шарофати дастгирии фаъоли шумо Ўзбекистон минбаъд низ суръати рушди устуворро намоиш хоҳад дод.

Аз ҳамаи шумо даъват ба амал меоварам, ки дар мубоҳисаҳои ҳолоина ва коркарди ташаббусҳои нав фаъолона иштирок кунед. Мо бо саъю кўшишҳои муштарак, якдигарро дастгирӣ карда, метавонем сатҳи ҳаёти халқи моро баланд бардорем ва ояндаи шукуфони Ўзбекистонро таъмин кунем.

Муҳтарам иштирокдорони мулоқот!

Мутаассифона, регламент ва ҳуҷҷати чорабиниҳо имкон намедиҳанд тамоми таклифҳои пешниҳоднамудаи шуморо алоҳида ва махсус баррасӣ кунем.

Ман ба қатъият ва саъю кўшиши шумо барои вусъат додани ҳамкории дарозмуҳлат ва мулоқоти пурмуҳтаво бо Ўзбекистон баҳои баланд медиҳам.

Мехоҳам бори дигар шуморо бовар кунонам: мо барои тиҷорати бомуваффақияти шумо дар кишварамон тамоми шароитҳоро фароҳам меоварем, то ки шумо худро дар ин ҷо хубу муътамад эҳсос намоед.

Мо тамоми ташаббус ва тавсияҳои пешниҳодкардаи шуморо ба инобат мегирем.

Аз имконият истифода бурда, бори дигар ба хонуми муҳтарам Рено-Бассо барои дастгирии доимиаш аз ислоҳоти мо, татбиқи самарабахши барномаҳои муштаракамон миннатдорӣ изҳор менамоям.

Ибтидо аз имрўз мо дар фаъолияти Шўро низоми куллан навро ҷорӣ мекунем.

Аъзои Ҳукумат, вазирон, кормандони масъули Маъмурияти Президент, ки дар ин толор ҳузур доранд, мулоқоти моро мунтазам идома медиҳанд, бо шумо ҳар моҳ вомехўранд.

Бинобар ҳар як ташаббуси пешниҳодшуда, ҳар кадом лоиҳа «харитаи амалиёт»-и алоҳида қабул карда хоҳад шуд. Тамоми онҳо таҳти назорати шахсан ман қарор хоҳанд гирифт.

Дар анҷоми мулоқот ба шумо сиҳҳату саломатӣ, дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти шахсиатон комёбиҳои бузург орзу менамоям.

Барои эътиборатон ташаккур.

# МУҲИМИЯТИ ВУСЪАТ ДОДАНИ МУЛОҚОТИ ОШКОРО ВА ШАРИКӢ ТАЪКИД ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Вазифаҳои асосии Шўро аз кумакрасонии молиявӣ ва мулоқоти ошкорои байни ҳукумати Ўзбекистон ва сармоягузорони хориҷӣ бинобар самтҳои муҳимтарини рушди сармоявӣ, саноативу технологӣ ва инноватсионии мамлакат, бо дарназардошти таҷриба ва амалиёти бомуваффақияти ҷаҳонӣ иборат аст. Дар иҷлосияи нахустин, ки соли 2022-юм ба вуқўъ пайваст, барои амали самарабахши механизми мазкур пойдевор гузошта шуда буд.

Иҷлосияи кунуниро ифтитоҳ намуда, роҳбари давлати мо натиҷаҳои пурмаҳсули Анҷумани сеюми сармоявии Тошканддро, ки баргузор гардид, таъкид намуд, ҳамчунин ба аъзои Шўро барои саҳмашон бинобар дастгирии рушди Ўзбекистони Нав миннатдорӣ баён кард.

Қайд гардид, ки анъанаи пурзўршавии номуътадилӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мушоҳида мегардад, оқибатҳои буҳрони энергетикӣ, хўроквори ва экологӣ торафт ҷиҳати ҷиддӣ пайдо мекунанд.

– Дар чунин шароит танҳо кори мураттаб, аз ҷониби тарафайн мувофиқшуда, амалҳои мушаххас ба мо имкон медиҳанд ба натиҷаҳои пешбинишуда муваффақ гардем, – гуфт Президент.

Фаъолияти гурўҳи корие, ки ба тайёр кардани лоиҳаи қонунҳо дар бораи сармояҳо ва минтақаҳои озоди махсус, ки ба такмил додани муҳити сармоявӣ ва соҳибкорӣ дар мамлакати мо нигаронида шудаанд, бо қаноатмандии хоса таъкид гардид.

Аҳамияти амалии таҳлили сиёсати сармоявие, ки аз ҷониби гурўҳи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд таткиқ мегардаанду имкон медиҳанд самтҳои асосӣ мушаххас шаванд ва механизмҳои самарабахши минбаъд беҳтар кардани муҳити сармоявӣ дар мамлакат фароҳам оянд, қайд гардид.

Зикр шуд, ки ҳамкории тарафайн ба мулоқоти ошкорои байни ҳукумат ва ҷомеаи тиҷоратӣ барои рушди самарабахши иқтисодӣ муҳаррик ба шумор меравад, роҳбари давлати мо пешниҳод намуд, ки бинобар самтҳо гурўҳҳои корӣ ташкил карда шаванд, ў ҷиҳатҳои асосии фаъолияти минбаъдаи Шўроро муайян кард.

Якум – рушди бозори сармоя. Дар самти мазкур пешниҳод шуд, ки ба масъалаҳои васеъ ҷалб намудани сармояҳои дохиливу хориҷӣ дар рушди марказҳои байналхалқии молиявӣ, ки ба талаботи сармоягузорони хориҷӣ куллан ҷавобгў мебошанд, эътибор дода шавад.

Дуюм – масъулияти ҷорӣ кардани тиҷорат. Сухан дар бораи васеъ ҷорӣ намудани равандҳои дахлдори Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд меравад, ки ба таъмин сохтани эътидол, шаффофият ва рўшодии иқтисодиёт нигаронида шудаанд.

Сеюм – рағбатноксозии сармояҳои муқобил. Ба мақсади созмон додани шароити мусоид барои зиёд кардани стартапҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҳаҷми сармояҳои муштарак қонуни нав «Дар бораи сармояҳои венчурӣ» андешида мешавад.

Чаҳорум – рақамикунонии низоми кор бо сармоягузорон.

– Фикр мекунам, фурсат барои коркард ва васеъ дар амалиёт ҷорӣ намудани платформаи нави электронӣ баҳри хидматрасонӣ ба сармоягузорони хориҷӣ расидааст. Ин имкон медиҳад маҷмўи мушкилоте, ки сармоягузоронро ба ташвиш меоварад, сари вақт ва мунтазам ҳаллу фасл шаванд, – таъкид намуд Президент.

Изҳори бовар шуд, ки ба шарофати дастгирии фаъоли аъзои Шўро, Ўзбекистон минбаъд низ пешрафти устуворро намоиш медиҳад, метавонад сатҳи ҳаёти халқро баланд бардорад ва шукуфоии ояндаи кишварро таъмин кунад.

Нотиқон, аъзои шўро ба натиҷаҳои барномаи ислоҳоти васеъмиқёс дар Ўзбекистони Нав баҳои баланд доданд. Ба роҳбари давлати мо барои фаъолияти сармоявиро ҳамаҷониба дастгирӣ карданаш ва қатъиян идома додани ҳамкории муфиди тарафайн миннатдорӣ изҳор гардид.

Дар анҷоми иҷлосия Президент иштирокдоронро бовар кунонид, ки ягон пешниҳод ва тавсия аз эътибор берун нахоҳад монд. Ба Ҳукумат супурда шуд, ки тамоми ташаббусҳоро муфассал баррасӣ кунад ва дар амал татбиқ шудани онҳоро таҳти назорат бигирад.

Супурда шуд, ки барои ҳар кадом пешниҳод ва ҳар як лоиҳа «харитаи амалиёт»-и алоҳида андешида шавад.

**ЎзА.**

# ПЕШНИҲОДОТ ДАР БОРАИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАҶМИ ХИДМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ МУҲОКИМА ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

1-2 май дар пойтахт намоишгоҳи «Барои инсон» баргузор гардид, ки дар он чунин маҳсулот гузошта шуда буд ва ба миқдори 360 миллиард сўм қарордод ба имзо расид.

Бо мақсади ҳарчи бештар фароҳам овардани имконот барои фаъолияти аҳолӣ пешниҳод мегардад, ки дар доираи фармоиши давлатӣ инчунин маҳсулоти тамоми ташкилот ва соҳибкорони инфиродӣ бевосита харид гардад, ки на камтар аз 50 фоизи коргаронашро шахсони ногиро ташкил менамоянд. Ба шарофати ин имконот қариб 3 ҳазор соҳибкор тақрибан 20 ҳазор нафар ногироро бо шуғл метавонад фаро бигирад.

Бинобар маълумоти Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ сеяки занон дар ҷаҳон ба ин ё он шакли зўроварӣ дучор мегардад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ ба қурбониёни зўроварӣ мадади таъҷилии равонӣ, тиббӣ ва ҳуқуқӣ роҳандозӣ гаштааст.

Дар мамлакатамон хидматҳо ба занони ба шиканҷа ва зўроварӣ дучоргардида, дар дараҷаи маҳалла вуҷуд надорад. Сифати кумаки амалӣ дар дараҷаи ноҳияҳо инчунин баланд нест.

Бинобар ин пешниҳод мегардад, ки низоми седараҷаи нави хидматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни зўроварӣ ҷорӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, дар дараҷаи маҳалла корманди иҷтимоӣ, инспектори профилактика ва фаъоли занон ҳолатҳои шиканҷаро меомўзанд ва вазъиятро ҳамеша мадди назар нигоҳ медоранд. Дар дараҷаи ноҳия дар марказҳои «Инсон» хидматҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва дигар хелҳои иҷтимоӣ бидуни талаби ордери ҳимоя расонда мешавад.

Дар кумакҳои шуъбаҳои фавқулодаи беморхонаҳо хонаҳои кумаки ибтидоӣ ташкил карда мешавад.

Дар дараҷаи вилоят дар марказҳои реабилитатсия хидматҳои равонӣ ва ҳуқуқӣ барои пешниҳод намудани макони буду бош ва амиқсозии реабилитатсия ба муҳлати то шаш моҳ бе талаби ариза расонда мешавад.

Ғайр аз ин чорабиниҳо доир ба бартараф намудани зўроварӣ дар соҳаҳои таълим ва муносибати меҳнат андешида мешаванд. Ҳамзамон барномаи ислоҳсозии шахсе таҳия мегардад, ки зўроварӣ содир намудааст ва он дар ҳамоҳангӣ бо маркази «Инсон» ба амал татбиқ мегардад. Тартиби аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ҷорӣ намудани руйхати шахсоне, ки зўроварӣ содир намудаанд, ба роҳ андохта мешавад.

Ба нақша гирифта шудааст, ки стандарти хидматрасонии иҷтимоӣ ба шахсоне, ки ба зўроварӣ дучор гаштаанд, таҳия мегардад. Фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ дар ин соҳа пурзўр карда мешавад.

Роҳбари давлат ин пешниҳодотро дастгирӣ намуд ва барои татбиқи амалии онҳо, фароҳам овардани шароити муносиби ҳаёт ва меҳнат барои ҳар як нафар, вазифаҳои иловагӣ дод.

**ЎзА.**

*Дар шаҳри Тошканд рўйдоди васеъмиқёси соҳибкорӣ – Форуми III байналмилалии сармоягузорӣ 2 майи соли ҷорӣ ба кори худ оғоз намуд. Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев форум ба минбари солонаи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, мустаҳкам намудани ҳамкориҳои соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои нав дар кишвар табдил ёфтааст.*

# САРМОЯГУЗОРӢ — ОМИЛИ МУҲИМИ ТАРАҚҚИЁТ

Ҳайати намояндагии соҳибкорони вилояти Навоӣ бо сарварии ҳокими вилоят Нормат Турсунов дар форум иштирок намуданд. Ҳайат инчунин дар сессияи гурўҳи «Лоиҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти хўроквори, саноат ва масолеҳи сохтмон» ширкат варзид. Бо намояндагони чандин ширкатҳои хориҷӣ гуфтушунид намуд. Вохўрӣ бо сардиректори ширкати «China Constryction Steel Structure Corp» Ҷим Чен ва намояндаи «Sinomach» дар Ўзбекистон Чен Пендлар самаранок анҷом ёфт. Намояндагони ширкатҳои кишвари Чинро бо мавҷуд будани имкониятҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои кимиё ва истеҳсоли масолеҳи бинокории вилоят шинос намуд.

Ҳамчунин ҳоким бо раиси иттиҳодияи коршиносони Шенжон – Тейжун Лин Кинг музокира намуда, ўро бо салоҳияту имкониятҳои рушди саноат дар вилоят ва бо пешомадҳои сармоягузорӣ шинос гардонид. Тасмим гирифта шуд, ки намояндагони ширкатҳои чинӣ барои шиносоӣ ва омўзиши имкониятҳои сармоягузорӣ ба вилояти Навоӣ ташриф меоваранд.

Ҳокими вилоят бо вакили ширкати чинии «China National Nuclear Corpo-ration» Шен Линксин вохўрӣ намуда, дар бораи ҷустуҷў намудани конҳои уран дар ҳудуди вилоят ва доири лоиҳаи ба роҳ мондани истеҳсоли кислотаи сулфат гуфтугузор намуданд.

Рўзи аввали форум шартномаҳо дар бораи ба вилоят ворид намудани 105 миллион доллар сармоя ва савдо ба миқдори 30 миллион доллар имзо гардид.

**Ў. ЭГАМЗОД,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# НАҚШАҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ТИҶОРАТИ ШИРКАТҲОИ ПЕШБАРИ ИМА, ЧИН, АВРУПО ВА МИСР ДАР МАМЛАКАТИ МО БАРРАСӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар бораи соли ҷорӣ баргузор намудани форуми тиҷоратӣ дар Тошканд бо иштироки ширкатҳои пешрафта ва бонкҳои ИМА тавофуқ ҳосил шуд.

Бо раиси корпоратсияи чинии «САМСЕ» Ван Бо ҷанбаҳои сохтмони шаҳраки олимпӣ дар шаҳри Тошканд, инчунин густариши портфели лоиҳаҳои ҷорӣ дар соҳаи энергетика, саноат ва инфрасохтор баррасӣ шуданд.

Ширкат дар кишвари мо таҷрибаи назаррас дошта, дар пешниҳоди силсилаи пурраи ҳалли маблағгузорӣ, сохтмон ва истифодабарии лоиҳаҳои калон тахассус дорад.

Бо президенти ширкати «Goldwind» Сао Чжиган дурнамои иштироки ширкат дар рушди энергетикаи «сабз» дар Ўзбекистон баррасӣ шуд. Ширкат ба рушди технологияҳои энергетикаи бодӣ тахассус дорад ва истеҳсолкунандаи пешбари ҷаҳонии турбинаҳои бодӣ мебошад. Дар бораи маҳаллигардонии истеҳсоли ҷузъҳои неругоҳҳои барқии бодӣ ва тезондани иҷрои лоиҳаҳои амалӣ созиш ҳосил гардид.

Бо «China Souherm Power Grid» масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сохтмони неругоҳҳои барқии бодӣ дар вилояти Бухоро, неругоҳҳои гидроаккумулятсия ва хатҳои баландволтии интиқоли барқ дар тамоми кишвар баррасӣ шуданд.

Фаъолияти бомуваффақияти ширкати «Holley Group» оид ба истеҳсоли ҳисобкунакҳои барқӣ дар Ўзбекистон қайд карда шуд. Дар бораи сохтмони технопарк дар вилояти Тошканд ва ҷалби ширкатҳои бузурги чинӣ ба он тавофуқ ҳосил шуд.

Дар рафти мулоқот бо роҳбарони як қатор ширкатҳои бонуфузи Аврупо раис ва директори генералии ширкати «Suez» Сабрина Суссан, директори генералии ширкати «Arsenale Group» Паоло Барлетта, президенти корпоратсияи «Airbus» оид ба Аврупо Йохан Пелисе ва президенти ширкати «Linde» оид ба Аврупо ва Шарқи Наздик Оливер Пфанн иштирок карданд.

Сарвари давлати мо бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки мулоқоти имрўза далели таваҷҷуҳи афзояндаи соҳибкорони аврупоӣ ба густариши фаъолияти онҳо дар Ўзбекистон мебошад.

Ба дурнамои ҳамкориҳои шарикии сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, татбиқи лоиҳаҳои мушаххас дар соҳаҳои таъминоти об, авиатсияи шаҳрвандӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, сайёҳӣ ва ғайра таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Роҳбарони ширкатҳои аврупоӣ ба Президенти Ўзбекистон барои истиқболи самимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати фаъолияти пурсамари сармоягузорон изҳори сипос намуданд. Изҳори омодагӣ карда шуд, ки минбаъд низ дар татбиқи лоиҳаву барномаҳои муҳим дар соҳаҳои афзалиятнок ширкат меварзанд.

Дар мулоқот бо раиси ширкати «Orascom Imvestment Holding»-и Миср Наҷиб Саверис масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ва пешбурди лоиҳаҳои муштараки ҳамкории мувофиқи тавофуқоти қаблан ҳосилшуда баррасӣ гардиданд.

Ба масъалаҳои ҷалби сармояи мустақим ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ўзбекистон, аз он ҷумла соҳаи саноати маъдани кўҳӣ, истеҳсоли молҳои озуқаворӣ, сайёҳӣ, сохтмон, рушди инфрасохтор ва ғайра таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Наҷиб Саверис изҳор намуд, ки тайёр аст барои зиёд кардани маблағгузории Миср ба иқтисодиёти мамлакатамон тамоми саъю қувваро ба кор барад.

**ЎзА.**

# 9 май – Рўзи хотира ва қадр




*Солҳои даҳшатовари Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар зарварақҳои таърих муҳри худро гузоштааст. Захмҳои ҷанг дар дили инсоният, бахусус иштирокдорони он, то охири умрашон боқӣ мондааст.*

*– Ҷашни умумихалқии 9 майро ҳамеша бо ҳаяҷон пешвоз мегирам, – мегўяд иштирокдори ҶБВ, сокини маҳаллаи Қовунчии ноҳияи Янгийўли вилояти Тошканд Нодирбобо Мансуров, ки роҳи машаққатноки ҷангро дар асри XX тай карда буд.*

*– Рафиқони ҳамроҳамро, ки дар ҳайати полки тирандозӣ хидмат мекардем ва бо онҳо то Олмон расида будам, дар ёд дорам. Бо онҳо ҷангҳои сахт, муҳорибаҳои шадидро паси сар кардем. На ҳама ба хона баргашт, вале хотираи муқаддаси ҳамроҳонам дар дилам абадӣ ҷой дорад. Мо ҳамроҳ душманро мағлуб кардем. Солҳои баъдиҷангӣ низ осон набуд,– нафас рост карда суханашро идома медиҳад мўйсафед, – дар завод, чи тавре ки дар суруди машҳур гуфта мешавад, ҳам барои худам ва ҳам барои аскари ҷавон кор мекардам. Бо саъю кўшиш, китф ба китфи ҳамдигар монда, бо ҳамкасбони худ ҳаёти нави осоиштаро барпо кардем. Мардуми мо меҳмондўст ва меҳнаткаш. Вақте завҷаам нуздаҳ сол пеш аз ин вафот карду мо фарзанд надоштем, ҳамсояам Раҳим Тоҷибоев ба мани куҳансоли бемор беғаразона кумак расонд, аз ҳолам доимо хабар мегирад.*

***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

# «БУҶАИ ТАШАББУС» – МУШКИЛКУШОИ МАРДУМ

***Имрўз мардуми Ўзбекистон моҳият ва аҳамияти «Буҷаи ташаббус»-ро хуб дарк намудаанд, ки маҳз туфайли ин фонд метавонанд муаммо ва мушкилоти чандин сол ҳалнагардидаи худро ҳаллу фасл намоянд.***

Бунёди муассисаҳои томактабиву мактабӣ, толорҳои варзишӣ, бунгоҳҳои тиббиву хонаҳои маишӣ, мумфарш намудани роҳҳо ва ҳоказои маҳалли зист маҳз ба овози онлайнии онҳо ҳамбастагии қавӣ дорад.

Чанде пеш дар заминаи мактаби варзишии куҳнаи ноҳияи Конимехи вилояти Навоӣ толори варзишӣ оид ба бокс бунёд гардида, мавриди истифода қарор ёфт. Орзуи чилсолаи дўстдорони бокс ва варзиши ноҳия амалӣ гардид.

Дар зинаи аввал аз ҷониби конимехиҳо 278 таклифу пешниҳод пешбарӣ гардида буд. Ташаббуси шаҳрвандон аз ҷониби комиссияи кории ноҳиявӣ омўхта шуд. Аз 278 пешниҳод 220 ташаббусе, ки ба мардуми ноҳия аҳамияти бештар доштанд, барои овоздиҳии платформаи онлайн пешниҳод шуд. Аз 30 ташаббуси ба тариқи овоздиҳии онлайн ғолибомада, чорто ба соҳаи тиббиёт, ҳафтто ба соҳаи таълим ва дуто ба соҳаи хидмати маишӣ мансуб мебошанд. Барои татбиқи амалии ин ташаббусҳо аз буҷаи маҳаллӣ беш аз 11 миллиард сўм ҷудо карда шуд.

Ҳамчунин, таъмири ҷории биноҳои бунгоҳи тиббии оилавӣ, мактаб, гузоштани панелҳои офтобӣ, бунёди толори варзишии мактаб, майдончаи футбол ва ғайра ба нақша гирифта шудааст.

Бунёди толори бокс дар заминаи ғолибият дар овоздиҳии онлайнии соли гузашта амалӣ гардидааст. Аввалин клуби бокс дар ноҳия соли 1984 таъсис ёфта буд. Давоми солҳо аъзои клуб борҳо ба гирифтани унвони чемпиони Ўзбекистон оид ба бокс ноил гардидаанд. Умедворем, ки толори нав дар тарбияи чемпионҳои нав саҳм мегирад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Навоӣ.**

# ВОХӮРИИ АҲЛИ ИЛМУ АДАБ ДАР ТАЪЛИМГОҲ

Саҳни таълимгоҳи рақами 86-уми ноҳияи Сариосиё аз меҳмон пур буд. Омӯзгорону муҳассилин бо сару либоси идона ва табъи болида интизори меҳмонон буданд...

Имрӯз ба ин таълимгоҳ як гурӯҳ меҳмонон, олимон, адибон ва аҳли қалам аз кишвари ба мо ҳамзабон – Тоҷикистон таҳти роҳбарии фарзонафарзанди деҳаи Хуфар, адабиётшинос, узви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Анзурати Маликзод ташриф оварданд.

Меҳмонро бо нону намак ва гулу гулдаста хонандагону омӯзгорони ин таълимгоҳ истиқбол гирифтанд. Ба назари бинанда ҳатто чунин менамуд, ки гулу гулбуттаҳои саҳни дабистон дар ин айёми шукуфтанҳову рустанҳо, гӯё аз тамошои ин саҳнаи аҷибу фараҳафзо ҳусну таровати дигар гирифта дар назар боз ҳам пуртароваттар менамоянд.

Дар маҳфили адабӣ, ки ба муносибати ташрифи меҳмонон дар ин таълимгоҳ ҷараён гирифт, хонандагону устодон фаъолона ширкат намуданд. Шеъру ғазалҳо аз эҷодиёти адибони мумтозу муосир бо завқу шавқи дилпазир аз тарафи хонандагон қироат гардид. Ҳозирин ва аҳли нишаст, ки аксар падару модарони хонандагони ин таълимгоҳ буданд, аз бароmаду ҳунарнамоии фарзандони худ болидахотир гардида, ба маҳорати онҳо таҳсин мегуфтанд.

Дар ҷараёни маҳфил Маликзод зимни суханронии худ иброз дошт, ки барои рушди соҳаҳои мухталифи кишвар ба мо таҳсили ҳамаҷонибаи илмҳои дунявӣ зарур аст. Пас моро лозим аст, ки бештар омӯзем то қирраҳои нав ба нави илмҳои дунёвиро кашф намоем ва барои равнақи халқу ватани худ ҳиссаи арзанда гузорем. Ӯ аҳли ҷамъомад ва хонандагони таълимгоҳро ба ғояҳои некбинона: инсондӯстӣ, ваҳдату ягонагӣ, сулҳу салоҳ, дӯстиву рафоқат барин амалҳои некбинона ҳидоят карда, бо чунин руҳия ба камол расиданро хоҳиш намуд. Ӯ зиёда аз 30 соли умри бобаракати худро дар роҳи омӯзишу тадқиқу ҷустуҷӯйи илмӣ сарф кардааст ва мавсуф муаллифи беш аз 100 мақолаи илмӣ аст, албатта, дидор ва суханонаш ба аҳли ин маҳфил хотирмон ва пуртаъсир шуд. Дар навбати худ Анзурати Маликзод ба ин таълимгоҳ дасти холӣ наомада буд. Ӯ зиёда аз 100 номгӯй китобҳои илмӣ ва бадеиро ба китобхонаи мактаб ҳадя намуд. Зимни тақдимоти китобҳо ӯ ба хонандагони мактаб таъкидан муроҷиат намуд: «Мо ҳар илме, ки мегирем аз китоб аст ва шумо аз ин ганҷинаи ҳикмат ва дурри маънавият истифода баред, мутолиа намоед ваояндаи худро некбинона бисозед.»

Дар ташкил ва омодагии ин маҳфили адабӣ-фарҳангӣ саҳми директори мактаб Зарнигор Каримова, ҷонишини директор оиди корҳои илмӣ Шодмон Рауфов, муовини директор оиди корҳои маънавию маърифатӣ Нозим Муҳаммадов ва дигар омӯзгорону ходимони ин таълимгоҳ шоистаи таҳсин аст.

**Илҳом ХИДИРОВ,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби таҳсилоти умумии рақами 86-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»*

# ҚИССАИ САФАРИ ФОРИШ

## (Ёдбуди Ҷонибек дар Порашт, хостгории арӯс аз Тошканд, роҳбаладии Набиҷон, меҳмондории Раҷаббойтағо)

Қабл аз тафсири сафар, лозим меояд дар бораи яке аз ҳамсафаронамон, қаҳрамони асосии қисса, сармуҳаррири нашрияи Парлумони Тоҷикистон «Садои мардум» равоншод Бобоҷони Абдулвоҳид чанд сухан гуфта бошем.

Ӯро муаррифӣ намудан аз нигоҳи аввал осон аст, беш аз ду даҳсола ҳамкасбу ҳамкор будем. Дар ин муддат ҳазорон сатрҳои иншонамудаи ӯро аз рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятию ҷумҳуриявӣ, аз маҷмӯаву баёзҳо мутолиа карда, ҳунарашро тан гирифтаем, ширинию талхиҳои касби рӯзноманигориро ба ҳам дидаем. Дар маҳфилҳои хонаводагиаш дар ҳалқаи аҳли оила – завҷаи ба сахтиҳои касби журналистӣ пуртоқати меҳрубонаш бону Марҳабо, фарзандони солеҳаш Ҷаҳонгиру Нилуфар, Қаҳрамону Шарофат, аз нону намакаш чашидаем.

Вале душвор ҳам ҳаст муаррифии ӯ. Табиати инсонӣ аст, ки дар бораи шахси дар паҳлӯят буда ҳар андоза зиёд медонӣ, дар муаррифиаш мушкилӣ мекашӣ, зеро намедонӣ зикри кадоме аз хислати ҳамидааш, чӣ ҳунар аз чил ҳунараш, кадом паҳлӯи коршиносиву кордониашро ба ихтиёри қалам гузорӣ.

...Бобоҷони Абдулвоҳид охирҳои апрели соли 1997 сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» таъйин шуд. Дар идора ба шакли муроҷиат ба ӯ вожаҳои нави «шеф», «калон» илова гардид, вале ҳамон тарзи пештара «Акаи Бобоҷон» барояш маъқулу хушоянд буд. Ҳатто дар долонҳою толорҳои Порлумон, аз раис то вакилону вазирон, кормандони дастгоҳи Маҷлис, ки маъмулан ба ному насаби мухотаб «ич»-ро илова менамуданд, вобаста аз синну солашон, ба сармуҳаррири «Садои мардум» ба мисли мо «Бобоҷон», «Акаи Бобоҷон» гуфта муроҷиат мекарданд.

Вазифаи сармуҳаррирӣ дар он айём аз масъалаҳои эҷодӣ дида, бештар бо часпу талошҳои сомондиҳӣ банд шуданро тақозо дошт. Бинобар ин, дар нашрияҳо матолиб бо имзои сармуҳаррир ками андар кам ба чашм мехӯрд, вале сармуҳаррири «Садои мардум» аз ин «қоидаи нонавишта» истисно буд. Ӯ мунтазам менавишту хуб ҳам менавишт, хуб сомондиҳӣ ҳам дошт.

Чун сухан аз устодону ҳамкасбоне, ки барои рост кардани дасти қаламкашӣ мерафт, акаи Бобоҷон номи устодони донишгоҳӣ Шарифҷон Ҳусейзода, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, Соҳиб Табаров, Абдусаттор Нуралиевро бо эҳтиром ба забон мегирифт. Ҳамчунин аз Ҷонибек Қувноқ, шоиру журналисти хушкору некном самимона ёд меовард, ки солҳои таҷрибаомӯзӣ дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба ӯву шарикдарсонаш бародарвор муносибат доштааст.

Дарвоқеъ, баҳори соли 1996, вақте ки аз зодгоҳи банда деҳаи Порашти ноҳияи Фориш, моро ба маҳфили ёдбуд ва гузоштани лавҳасанги ёдгории Ҷонибек Қувноқ даъват карданд, акаи Бобоҷон он вақт муовини аввали сармуҳаррир, бе дудилагӣ розӣ шуда, ҳардуямонро ба муддати се рӯз аз идораи рӯзнома ҷавоб гирифта, озими сафар гардид. Фолклоршинос, муҳаққиқи эҷодиёти шифоҳии мардумони Форишу Нурато, профессор Баҳром Шермуҳаммадов ҳамсафари севумамон буд. Он айём миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳанӯз раводид ҷорӣ набуд, поездҳои хатсайри «Душанбе – Конибодом», «Душанбе – Маскав» тавассути қаламрави Ӯзбекистон равуо доштанд ва мо 30 март то Ҷиззах бо поезд, то Порашт бо автобус расидем. Маҳфили ёдбуд дар саҳни ҳавлии мактаби деҳаи Порашт, дар назди лавҳсанги ёдгории навакак гузошташуда бо акси Ҷонибек, бо сабти таърихи 10. XI. 1941 – 06. XI.1990, баргузор шуд. Бояд гуфт, ки ба маҳфили серодам даҳҳо тан аз ҳамдеҳагону ҳамдиёрони шоир, ки дар шаҳру навоҳии гуногуни Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон кору зиндагӣ доранд, мухлисону алоқамандони сухан, роҳбарони ноҳия гирд омада буданд, то аз шахсияти наҷиб, эҷодиёти пурбори Ҷонибек ҳарф зананду бишнаванд, аз хотироти айёми бачагию навҷавонии вай, ки дар оғӯши ҳамин деҳа гузаштааст, ба ҳам қисса гӯянд.

Пас аз пардабардорӣ аз лавҳасанги хотира ва арзи сипоси директори мактаб Наврӯз Ибодов, суханронии ҳокими ноҳияи Фориш Бастамқул Саидқулов, мудири шуъбаи фарҳанги рӯзномаи «Овози тоҷик», шоир Паймон ва профессор Баҳром Шермуҳаммадов, ихтиёри суханро ба «меҳмони аз ҳама роҳдуру аз ҳама ба дил наздик, муовини сармуҳаррири нашрияи Парлумони Тоҷикистони ҳамсояю бародар – «Садои мардум» Бобоҷон Абдулвоҳид вогузоштанд.

Акаи Бобоҷон бо арзи саломy эҳтиром ба мизбонону дастандаркорони маҳфил, аз рӯзҳои таҷрибаомӯзӣ дар идораи «Овози тоҷик» ёдовар шуда, бо ифтихор изҳор намуд, ки аз шогирдони Ҷонибек Қувноқ аст.

– Ҷонибек-ако на фақат дар муносибат ба касбу кор ғамхору мушкилкушои мо – ҷавонон буданд, балки аз меҳрубониҳои эшон мо, таҷрибаомӯзони душанбегӣ, дар Тошканд эҳсоси мусофирӣ надоштем, – гуфт акаи Бобоҷон. – Эшон дар Тошканд кошонаи меҳру меҳрубонӣ ва гирдиҳамойии қаламкашону суханварон буд, ки ҳар нишасту маҳфили он ба мо як дунё сабақ меомӯхт.

Баргузоршавии маҳфили имрӯза дар зодгоҳи шоир рамзе аз қадршиносии сухан, аз пайвандҳои адабӣ ва фоли идомаи умри шеъру фарҳанги тоҷикӣ дар ин гӯшаи дурдасти кишвари дӯсти мост.

Акаи Бобоҷон аз порахотираҳои вобаста ба Ҷонибек ёдовар шуд, вале қиссаи хостгории ӯро нагуфт, шояд нақли масъалаи ба ҳаёти шахсӣ дахлдоштаро дар маҳфили серодам аз рӯйи одоб надонист, вале қиссаи хостгорӣ дар суҳбати сари пиёлаи чой дар боғи раиси деҳа Эргаш Сатторов ба мавзуи ҷолиб табдил ёфт. Аслан, ин қисса аз сужаи филмҳои ошиқона камӣ надошт, ки хулосаи фишурдааш бо хонадоршавии акаи Бобоҷон меанҷомад.

Тобистони соли 1976 акаи Бобоҷон ҳамроҳи ҳамкурсаш Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ дар идораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» таҷрибаомӯзии думоҳа мегузаштанд. Дар пиёдароҳи маҳаллаи назди хобгоҳи донишҷӯён, ки таҷрибаомӯзонро ҷо дода буданд, гоҳи ба корравию азкорбаргардӣ, духтари соҳибҷамоле таваҷҷӯҳи акаи Бобоҷонро ба худ мекашид. Салом дода гузаштанҳо рафта-рафта ба ҳолу аҳволпурсию суҳбатҳои кӯтоҳ ва гоҳе то таги дарвоза гуселкунии духтари тошкандӣ мепечид. Модари духтар чанд бор ин ҳолро дида буд, рӯзе аз дур чашмаш ба манзараи дастобадаст хушҳолона суҳбаткунон омадани ду ҷавон афтод, баъди шомхурӣ бо оҳанги накуҳиш ҳол пурсид, ки ин чӣ гапу корест? Духтар ҳам гӯё ҳамин лаҳзаро интизор буд, ба модар рози дил кушод, гуфт, ки ин ҷавон донишҷӯйи тоҷикистонисту хоҳишу мақсадаш ҷиддист, назди шумо омада, «дасти маро пурсиданӣ», агар розӣ бошед, хостгор фиристоданӣ аст.

Дар идораи рӯзнома бисёриҳо аллакай «аз ошиқи духтари тошкандӣ шудани ҷавони душанбегӣ» огоҳ буданд, Аҳмадшоҳ (Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, ҳаҷвнигори ҷавонрафта), шарикдарси акаи Бобоҷон, ки нисбат ба ҳамроҳон ҳушёртару гапдонтар буд, «сӯхтану пухтанҳои» дӯсташро обу ранг дода, ба Ҷонибек нақл карда, мегуфт, ки агар ба хостгорӣ наравед, аз маҳсули эҷоди таҷрибаомӯзатон умед бояд канед.

Ҷонибек ҳам аз гапу гузори «таҷрибаомӯзи ошиқ» хабардор буду дар дил аз тасмими Бобоҷони дидадарову дилёб хурсанд, не нагуфт, вазифаи хостгориро пазируфта, аз пайи гуфтушунид бо волидайну бародарони Марҳабо шуд. Ҳунари суҳбаторой, хушчақчақию аз ину он огоҳии Ҷонибек волидайну пайвандони арӯси оянддаро моил сохт, фақат модар – Зуҳринисохола гаштаю баргашта такрор мекард, ки «эҳ, Марҳабоҷонамро ба роҳи дур, ба Тоҷикистон гуселонида, зиқ мешавам, охир», вале таскинбахшии хостгорон «дар пешонии ҷавонҳо чунин навишта шуда будааст, бахти аввал ширинии умр, дар шароити ҳозира роҳ чӣ дурӣ дорад, ки пас аз як соат бо тайёра дар Душанбе мешавед, аз он ҷо то Кӯлоб як қадам», ниҳоят, оромӣ бахшид.

(Давомаш дар саҳ.4).




## ХАБАРҲО

### САМАРАИ ҲАМКОРИҲО БО БСИО

***Вазири сармоя, саноат ва савдои Ӯзбекистон Лазиз Қудратов бо ноиби-президенти бонки сармояҳои инфрасохтории Осиё Константин Лимитовский вохӯрд.***

Ҷонибҳо ҷараёни ба ҳаёт татбиқ намудани лоиҳаҳои истиқболнок дар соҳаҳои энергетика, таълим, тандурустӣ ва таъминоти об, айни замон масъалаҳои оянда якҷо ба амал баровардани ташаббусҳои тозаи ба барномаи ҳамкориҳои ба нақшаи солҳои 2024–2026 воридшударо дида баромаданд.

Дар доираи барномаи ҳамкориҳо маблағгузории 12 лоиҳа мавриди назар қарор гирифтааст, ки ҷамъ 2,58 миллиард доллар арзиш дорад. Маблағ барои энергетикаи сабз, таъминоти об, навсозии роҳҳои автомобилӣ ва рушди инфрасохтор сарф хоҳанд шуд.

Дар вохӯрӣ оиди рафти омодагӣ ба ҷамъомади Шӯрои идоракунии БСИО, ки моҳи сентябр дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, низ сухан рафт.

Алъон бо иштироки бонк ҷиҳати дастгирии буҷаи давлатӣ, таъминоти об ва канализатсия, энергетика, пуштбонии тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ 13 лоиҳа, ки 2,57 миллиард доллар арзиш дорад, ба амал бароварда мешавад.

### ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ЭКОЛОГИЯ

***Муовини вазири экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйирёбии иқлим Жусипек Казбеков ҷонишини вазири молияи Австрия ва як қатор коршиносони ин мамлакатро қабул намуд.***

Оиди торафт равнақёбии муносибатҳои бисёрҷониба байни ду давлат, хусусан, ба давраи нав баромадани муносибатҳо дар соҳоти иқтисодиёт, экология ва ҳифзи муҳит сухан ба миён омад. Алоҳида қайд гардид, ки Ӯзбекистон вақтҳои охир ба ҳалли муаммоҳои экологии маҳалливу минтақавӣ, татбиқи ғояҳои инноватсионӣ ва технологияҳои замонавӣ, омодасозии мутахассисони малаканок дар соҳаи экология эътибори ҷудогона медиҳад. Донишгоҳи Греен дар Тошканд, ки асосан ба омӯхтани муҳити гирду атроф ва дигаргунии иқлими Осиёи Марказӣ машғул аст, бо мақсади ба амал баровардани салоҳияти илмиву зеҳнӣ дар минтақа ташаббус нишон медиҳад.

### «АСАКАБАНК» ХУСУСӢ МЕГАРДАД

***Дар доираи сеюмин Форуми байналхалқии сармоявии Тошканд байни Бонки таҷдид ва рушди Осиё ва «Асакабанк», ки яке аз бонкҳои бонуфузи Ӯзбекистон аст, гуфтушунид ба амал омад. Оиди хусусигардонии «Асакабанк» шартнома имзо гашт.***

Маълум, ки вақтҳои охир дар мамлакатамон якчанд бонки хусусӣ кушода шуданд. Ба бозори мо бонкҳои пешбари Аврупо ворид гашт. Як қатор бонкҳои рақамнок дар ин диёр самаранок фаъолият ба роҳ гузоштаанд. Ин ҳама ба чанд баробар афзудани воридшавии сармоя ба Ӯзбекистон мусоидат месозад, гуфтанд мутахассисони соҳа.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



**Дар Сурхондарё оид ба омӯзондани забонҳои хориҷӣ мактаби беҳтарин муайян карда шуд**

*Дар мактаби миёнаи таълими умумии рақами 16-уми шаҳри Тирмиз давраи вилоятии озмуни «Мактаби беҳтарин доир ба омӯзондани забонҳои хориҷӣ», ки барои ҷоизаи Президент гузаронда мешавад, барпо шуд.*

*Дар чаҳорчӯби иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи такмил додани сохтори гузарондани озмунҳои фаннӣ байни хонандагони иқтидорнок, инчунин ҷорӣ намудани сохтори муайян намудани мактаби беҳтарин доир ба омӯзондани забонҳои хориҷӣ» озмунҳо ташкил карда мешаванд, ки ин ба мақсади дар мамлакат омӯзондани забонҳои хориҷиро оммавӣ гардондан ва насли наврасро ҳаматарафа баркамол тарбия намудан нигаронда шудааст. Давраи ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и озмун 26 феврал гузаронда шуда, дар он 369 мактаб иштирок карда буд.*

*Ҷамоаи мактаби миёнаи рақами 74-уми ноҳияи Деҳнав ба ҷойи якум, мактаби миёнаи рақами 3-юми шаҳри Тирмиз ба ҷойи дуюм ва хонандагони мактаби ихтисосонидашудаи давлатии рақами 12-уми ноҳияи Тирмиз ба ҷойи сеюм муносиб дониста шуданд.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

***Дар ин рӯзҳо маҳаллаи Бибиширини маркази ноҳияи Бойсун ба маҷмааи бузурги сайёҳӣ табдил ёфтааст. Аз даромадгоҳи ин маҷмаа то нуқтаи охири он ҳар як шаҳру ноҳияи вилояти Сурхондарё кӯргони худро барпо кардаанд, ки аз нигоҳи сохтмону меъморӣ хеле назаррабо менамояд.***

# «БАҲОРИ БОЙСУН» МЕҲМОНҲОРО БА СӮЙИ ХУД МЕХОНАД

– Ҷашнвораи «Баҳори Бойсун» то 7 май давом мекунад ва таҳти сарпарастии ҳокимияти вилояти Сурхондарё, Вазорати фарҳанг ва Кумитаи туризм сурат мегирад. Он бори охир соли 2022 ба вуқӯъ пайваст. Пас аз он тасмим гирифта шуд, ки ҷашнвора дар ҳар 2 сол як маротиба таҳти сарпарастии ЮНЕСКО баргузор шавад, – гуфт дар нишасти матбуотӣ муовини ҳокими вилоят, сардори Раёсати сайёҳии вилоят Ҷӯрабек Тӯраев.

Шоми 2 май маросими расмии кушодашавии ҷашнвора дар амфитеатри маҷмааи сайёҳии Бибиширин сурат гирифт. Дар он ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов меҳмононро хайрамақдам гуфт.

– Дар мамлакати мо ба тарғиби мероси ғайримоддӣ Президент Шавкат Мирзиёев таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Ғояҳои сарвари давлат, ки санъати фолклорӣ ва бозиҳову ҳунарҳои мардумиро ҳамчун арзишҳои миллӣ арзёбӣ мекунад, қобили дастгириву иҷро мебошанд, – гуфт ӯ.

– Бо дарназардошти он ки теъдоди ширкаткунандагони ҷашнвора сол аз сол рӯ ба афзоиш овардааст, онро дар ин майдони васеъ баргузор намудем. Корхонаи хусусии «Нарзи Қушбегӣ» дар муддати кӯтоҳ чунин як лоиҳаи бузургро таҳти иҷро қарор дод, ки ба қабули меҳмонон ва иштирокчиёни ҷашнвора мусоидат менамояд, – тазаккур дод Улуғбек Қосимов.

Дар маҷмааи сайёҳӣ меҳмонхонаи боҳашамати панҷошёнаи чорситорадор, саҳнаи калон, амфитеатр, майдончаҳои варзишӣ ва дигар иншооти инфрасохторӣ



қомат рост кардаанд.

Яке аз дастовардҳои ин ҷашнвора дар девори дарозу паҳновар овезон кардани сӯзании дар ҷаҳон калонтарин аст, ки дарозиаш 15 метр ва арзаш 5 метр мебошад. Дар ҷашнвораи қаблӣ ин сӯзанӣ бо дарозии 25 ва арзи 6 метр ба маърази тамошо гузошта шуда буд.

Дар Бибиширин аз 40 кишвари олам меҳмонон ташриф овардаанд. Бархе гурӯҳҳои фолклорӣ-этнографиро низ ҳамроҳ овардаанд, ки ҳунари худро дар муддати як ҳафта бо навбат намоиш хоҳанд дод.

Ҷойи қайд мебошад, ки дар доираи ҷашнвора иштироки ҳунармандони маъруф ва дастаҳои мардумӣ, таронаҳои марғуби аҳли санъат, намоиши либосҳои миллӣ, хӯроквории, ҳунарҳои мардумӣ, намоишгоҳҳои санъати тасвирӣ ва амалӣ, намоишҳои дрон, мусобиқаҳои этно-варзишӣ, инчунин гӯштингирӣ, сангбардорӣ, бозиҳои гуногуни мардумӣ ташкил карда шудаанд.

Меҳмонон метавонанд аз ҳунарҳои мардуми Бойсун, аз қабили газворбофӣ, қолинбофӣ, гулдӯзӣ, кулоҳдӯзӣ, чанқовузнавозӣ, домбра, сибизга, гаҷирнаӣ баҳра баранд.

Дар мусобиқаи бонуфуз ба тими сарбаланд, ки ҷойи аввалро гирифтааст, 3500 доллар, барандагони ҷойи дуюм 2500 доллар ва устодони ҷойи севум бо 1500 доллар ва туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида мешаванд. Гран-при мошини сабукрави «Ҷентра» муқаррар шудааст.

Шоми 4 май доварон ҳунарнамоии дастаҳои мазкурро арзёбӣ ва ғолибони ҷойҳои ифтихориро эълон хоҳанд кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири махсуси «Овози тоҷик».**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Муносибат*

# ОДАМОН АЗ ДӮСТӢ ЁБАНД БАХТ...

*Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил*
*ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи*
*бешумор орад.*
**Ҳофизи ШЕРОЗӢ.**

Дӯстиву ҳамкории ҳамаҷонибаи бародаронаи байни халқҳои тоҷику ӯзбек рӯз то рӯз мустаҳкам ва қавӣ мегардад. Баъди ташрифҳои таърихии сарварони ҳар ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар, ки солҳои охир зуд-зуд ба амал меоянд, ин ҳамкориҳо боз ҳам вусъату инкишоф мeёбанд. Нишонаи барҷастаи рушду нумӯъи муносибатҳои дӯстонаи байни ҳар ду кишвар – ташрифи навбатии давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон буд, ки 18-19-уми апрели соли ҷорӣ ба вуқӯъ омад. Сафари навбатӣ, ба қавли Президентамон «...ба муносибатҳои дуҷонибаи халқҳоямон мазмуну мундариҷаи куллан нав ворид месозад».

Сарони ҳар ду кишвар, ҳангоми мулоқоту музокираҳо бобати ба дараҷаи боз ҳам баланд бардоштани миқёси ҳамкориҳои тарафайн, дар ҷабҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маданиву маънавӣ созишномаҳои заруриро ба имзо расониданд. Ин бинобар ҳамкории иттифоқӣ қадами бузурге дар пешрафти муносибатҳои бародаронаи байни ду кишвар гардид. Ҳамкории иттифоқӣ – дараҷаи баландтарини муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳои ҳамсоя ба шумор меравад. То ба имрӯз Ӯзбекистон бо Русия (соли 2005) ва Қазоқистон (соли 2021) созишномаҳои дӯстиву ҳамкории иттифоқиро ба имзо расонида буд.

«Бори дигар таъкид мекунам, Тоҷикистон барои Ӯзбекистон шарики стратегии аз ҳама наздик ва боэътимоди тӯли асрҳо аз санҷиш гузашта мебошад. Халқҳои бародари ӯзбеку тоҷик бо риштаҳои дӯстӣ бо ҳам ба таври мустаҳкам пайваст мебошанд. Моро таърихи умумии муштарак, арзишҳои маданиву маънавӣ, анъана ва урфу одатҳои ягона муттаҳид месозанд», гуфт дар нишасти матбуотӣ Президенти Ӯзбекистон.

Билхоса, ба имзорасии аҳдномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, сӯзишворӣ, саноати автомобилсозӣ, саноати сабук, яъне бофандагӣ, бинокорӣ, хоҷагии қишлоқ ва истеҳсоли маҳсулоти истеъмоли халқ аҳамияти калон доранд. Ташрифи давлатӣ дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ, яъне дар қаробату пойдоршавии риштаҳои дӯстию ҳамкории соҳаҳои маданияту санъат, рафтуомади одамони оддии ҳар ду кишвар аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Бесабаб нест, ки гурӯҳи санъаткорони номии ҳар ду мамлакат бо унвонҳои баланди ду ҷумҳурӣ сарфароз гардонида шуданд. Чунин ҳолат дар роҳи боз ҳам равнақёбию амиқгардонии ҳаёти фарҳангиву маънавии мардумони ҳар ду кишвар такони азиме хоҳад шуд. Намоишгоҳи маҳсулоти саноати Ӯзбекистон, аз ҷумла, автомобилсозӣ, бофандагӣ, техникаи маишию рӯзгор дар сокинони кишвари бародар ҳавасмандии бузургро ба вуҷуд овард. Аллакай, доир ба бунёди якчанд корхонаи муштараки саноатӣ дар Тоҷикистон бо иштироки Ӯзбекистон шартномаву аҳдномаҳои барои тарафайн муфид имзо гардиданд. Ширкатҳои сармоявии Ӯзбекистону Тоҷикистон бобати амалӣ гардонидани 14 лоиҳаи саноатӣ, ки арзиши умумиашон 135 миллион доллар мебошад, нақшаҳо доранд. Ҳамаи ин, бешубҳа нишонаи сиёсати дурандешонаву бунёдкоронаи роҳбарони ҳар ду мамлакат – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Аз пешрафту инкишофи ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, сокинони оддии ҳар ду мамлакат манфиатдор мегарданд. Зеро бо бунёди корхонаҳои нави муштарак ҷойҳои нави корӣ фароҳам меоянд, бозори истеъмол бо маҳсулоти нави серталаб пур мегардад ва дар ниҳояти кор фаровониву осудаҳолии мардум беҳтар мешавад. Барои амалӣ намудани ин мақсадҳои нек дар ҳудуди ҳар ду кишвар ташкил ва вусъат додани савдои бозорҳои наздисарҳадӣ мувофиқи матлаб дониста шуд.

Роҳандозии чунин иқдомҳои нек, бидуни шубҳа, ба инкишоф додани муносибатҳои қарини ду халқи бо ҳам дӯсту бародар кумаку такони азиме мебахшад. Тавре ки шоири маъруфи халқи тоҷик Мирзо Турсунзода сурудааст:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ҚИССАИ САФАРИ ФОРИШ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Хулоса, таҷрибаомӯзии Бобоҷон бо фотеҳаву ноншикании арӯсёбӣ анҷомида, пас аз чанде, соли 1977 таҳти садои дафу карнаю сурнай арӯс аз Тошканд ба Кӯлоб омад.

Дарвоқеъ, қиссаи ошиқии шарикдарсаш, дилсӯзии ҳамкорон аз «Овози тоҷик», хостгории Ҷонибекро адиби ҳаҷвнигор Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳи шодравон дар порахотироти «Арӯс аз Тошканд» хеле дилкашу ҷолиб тасвир намудааст.

Қиссаи хостгорӣ ва арӯсбиёрӣ аз Тошканд дар суҳбати гирди дасторхони деҳаи Порашт, аз дигарон дида, ба ҳокими ноҳияи Фориш бештар хуш омад ва раис то поёни маҳфил бо акаи Бобоҷон чунон унс гирифт, ки мегуфтӣ даҳсолаҳо бо ҳам шинос бошанд.

Саидқулов ваъдаи дар роҳи бозгашт ба идораи ҳукумати ноҳия сар задани моро гирифта, бо сипос аз мутасаддиёни маҳфилу нишасти сари дасторхон, сӯйи маркази ноҳия роҳ гирифт. Мо ҳам, ки дар дил нияти шабона аз Ҷиззах (аз Порашт 100 километр) бо поезди «Конибодом – Душанбе» баргаштан доштем, пас аз соате бо Порашту пораштиён худоҳофизӣ кардем. Тибқи ваъда, бо роҳбаладии Шодӣ Шавқиев, раиси шаҳраки Учқулоч, ҳамсинфи Ҷонибек, ба дафтари ҳокими ноҳияи Фориш омадем. Бастамқул Саидқулов аз шиносоӣ ва ширкати якҷоя дар маҳфили ёдбуд арзи сипос карда, дар бораи вазъи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи сермиллат маълумоти мухтасар ироа намуд ва изҳор дошт, ки аввалҳои моҳи май 60-солагии таъсиси ноҳияи Форишро дар нақша доранд ва мо меҳмони азизи он ҷашнвора хоҳем шуд. Ҳокими ноҳия аз акаи Бобоҷон, «дӯсти қадрдони тоҷикистониаш, домоди Тошканди азим», ваъдаи ба маҳфили ҷашнӣ омаданро гирифта, бо умеди дидори наздик, моро гуселонид.

Албатта, ҳамроҳи Бобоҷон ва профессор Баҳром Шермуҳаммадов 4 майи соли 1996 дар таҷлили 60-солагии ноҳия ширкат варзидем. Он рӯзҳоро ёд оварда, агар гуфтанӣ бошем, ки меҳмонони душанбегӣ рӯйи дасти мизбонону мутасаддиёни чорабинии ҷашнӣ буданд, кам гуфтаем. Табрикномаи бо сатрҳои Ҷомию Навоӣ, Мирзо Турсунзодаю Ғафур Ғулом зеварёфтаи форишиёни муқими Душанберо қироат намудани Баҳром Шермуҳаммадов дар толори Кохи фарҳанг мавҷи кафкӯбиҳоро ба амал оварда бошад, «шаҳрвандони ифтихории ноҳияи Фориш» эълон гардидани Бобоҷон Абдулвоҳидов ва Баҳром Шермуҳаммадов кафкӯбиҳоро ба авҷи аъло расонд.

Тибқи барнома идомаи маҳфил пас аз танаффуси кӯтоҳ, дар сайргоҳи маркази ноҳия, мавзее тақрибан 3 километр болотар аз Кохи фарҳанг, бояд идома меёфт. Дар саҳни ҳавлӣ ҳокими вилояти Ҷиззах Шавкат Мирзиёев, Президенти кунунии Ӯзбекистон, ки дар маърака ширкат дошт, бо арзи салом «меҳмонҳо читу шумо?» гӯён ба давраи мо наздик шуд ва баъди ҳолу аҳволпурсӣ моро ба мошинаи «ГАЗ – 31»-и худ шинонда, роҳи сайргоҳро пеш гирифт.

Пас аз маҳфили ҷашни ноҳия бо мизбонони меҳмоннавоз чун дӯстони дерин хайрухуш карда, роҳи Ҷиззахро пеш гирифтем. Азбаски то вақти гузари поезди «Конибодом – Душанбе» фурсати муайяне доштем, аз роҳбаладии навбатиамон ҷавони хушсухан Набиҷон Ҷӯраеви пораштӣ хоҳиш намудем, моро то хоҷагии №16, ноҳияи Арнасойи ҳамсоя ҳамроҳӣ кунад, ки ба аёдати Раҷаббойтағо Кенгошев, собиқадори меҳнат, аз раисони машҳури минтақа, расида бошем. Набиҷон хоҳиши моро бо майли том пазируфт ва шояд аз як тараф барои кӯтоҳ кардани роҳи қариб якунимсоата, аз тарафи дигар ғойибона ошно сохтани Раҷаббойтағо ба ҳамроҳони душанбегиам, аз корномаи «раиси машҳури минтақа» нақл мекарду ҳар замон бо таъкиди «ҳоло худатон мебинед, ки ягон зарра лофназадаам» гӯё худро пешакӣ ҳақ мебаровард.

– Медонед ё не, Қиронҷон ҳарчанд ба духтари худашон не, ба духтари хоҳарашон хонадор шудааст, домоди дӯстдоштаи Раҷаббойтағо мешавад. Раҷаббойтағо ба арӯсии ҷиянашон аз ҳамин ҷо хеста ба Душанбе рафта, Ҷӯрабек Муродовро ба базми арӯсӣ оварда буданд, гуфтани роҳбаладамон баробари ҳамроҳон, таваҷҷуҳи ронандаи таксиро низ ҷалб кард магар, ки аз пешойинаи мошин чанд бор моро синчанигоҳ дошт.

Медидем, ки Баҳромако аз суҳбати Набиҷон, равонсуханӣ ва забони тоҷикии тозаи ин шиноси нав ба ваҷд омада, бо майли том гӯш медод, агар дар миён баъзе калимаҳои лаҳҷавӣ мешунид, гашта мепурсиду ба дафтарчаи кисагиаш қайд мекард.

Мошин назди дарвозаи нақшини ҳавлии бо оҳанпанҷара ҳисоркашида таваққуф кард. Набиҷон чолокона аз мошин поён шуда, ба ҳавлӣ қадаммонон, сӯйи марди паҳлавонҷуссаи рӯйи кати зери дарахти сада кадҷпаҳлузада садо сар дод:

– Ассалому алайкум, Раҷаббойтағо, монда набошед, меҳмонҳои тоҷикистониатонро қабул кунед!

– Ваалайкум бар салом! Ӯҳ-ӯ, ин домод чӣ тавр шуд, ки моро ёд кард, ӯ, шаҳбозе! Биёед, биёед, хуш омадед меҳмонҳои азиз, хуш омаданд!

– Домодатон бо ҳамроҳонаш ба тӯйи 60-солагии ноҳияи Фориш омада будаанд, меҳмонҳоро роҳбарияти вилоят хеле иззат карданд, то вақти поезд шуморо як сари қадам хабар гирифта гузарем, гуфтанд, овардам, – моро шиноскунон гуфт Набиҷон. – Меҳмонҳо саросемаанд, ҳамин ҷо, рӯйи кат каме нишаста, ҳолу аҳвол мепурсем, мегӯянд.

– Заб кори нағз кардетон-да, лекин аз худи Тоҷикистон омада, як пиёла чой ногирифта рафтан айб мешавад, то поезд ҳоло хеле вақт ҳаст, канӣ-канӣ, марҳамат, – ба нею нестони мо нигоҳ накарда, ба меҳмонхона роҳбаладӣ намуд Раҷаббойтағо.

«Як пиёла чой» ба чандин чойник чойи талху чандин шиша нӯшокиҳои рангобаранг, хомшӯрбою гӯштбирёни барраи ширбоз табдил ёфт.

– Ба меҳмонҳо аз шоносшавиатон бо Мирзиёев нақл кунед, – Раҷаббойтағоро ба гап мекашид Набиҷон.

– Э, воҳима мекунӣ, Набиҷон, ун кас (Мирзиёевро дар назар дошта) рӯзи дароз дар заминҳои хоҷагиҳо гашта, монда ҳам шуда буданду гушна ҳам. Медонистем, ки ҳокими вилоятамон ба зиёфати раисони ноҳияву хоҷагиҳо хуш надоранду суҳбати сари чой бо муйсафедонро нағз мебинанд, ба як пиёла чой даъват кардем. Ҳарчӣ, даъватро не нагуфтанду бо ҳамроҳонашон омаданд, дар ҳамин меҳмонхона як пиёла чой гирифтанд. Сари дасторхон ҳам гап аз роҳу равиши корҳои саҳро, баландбардории ҳосили зироат, беҳдошти шароити зисту зиндагонии заҳматкашони хоҷагиҳои ноҳия мерафт.

– Аҷаб кори хуб кардед, ҳозир раҳмат Набиҷон, аз суҳбати пири кор баҳраманд шудем, домоди раис будани Қироншоҳу домоди Тошканд будани Бобоҷонро низ фаҳмидем, сафарамон кӯтоҳ ҳам бошад, пурмаҳсулу хотирмон буд, – дар мошин сафари Форишро як навъ ҷамъбаст мекард Баҳромако, – насиб карда бошад, навбати дигар бо хушдомону хусурбурдаҳои Бобоҷон шиносшавӣ, ба идораи «Овози тоҷик» ба Тошканд меоем.

... Вале афсӯс, сафари Тошканд ҳамроҳи ҳамсафарон дар насиб набудааст. Баҳромако, акои Бобоҷон ва ҳам Набиҷон, дар овони нашъунамои дарахти умрашон моро тарк карданд. Рӯҳашон шод, ёдашон гиромӣ бод!

**Қироншоҳ ШАРИФЗОДА,**
*Ш. ДУШАНБЕ.*



# ФАРОГИРӢ БА КӮДАКИСТОНҲО БЕШ АЗ ПЕШ МЕАФЗОЯД

***Бино ба иҷрои Фармони Президент «Дар бораи чораҳои ташкили фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятӣ дар назди идораҳои давлатӣ» дар Агентии таълими томактабии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Шӯрои машваратӣ ташкил карда шудааст.***

Дар доираи лоиҳаи «Қадами нахустин» кормандони муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 382-юми ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд ба аъзои Шӯрои машваратӣ намоиш доданд, ки кӯдакони аз се то шашсола чӣ гуна ба дарсҳои зардӯзӣ, нонпазӣ, эстафетаи варзишии «Парчами миллиро баланд мебардорам» бо шавқу рағбати том машғул мешаванд ва бо дастони нозуки худ маҳсулоти зардӯзӣ ва кулчаҳои ширин мепазанд.

Дар идомаи чорабинӣ кӯдакон дар машғулияти тарбияи экологӣ таҳти унвони «Ояндаи сабз» фаъол ширкат намуданд, инчунин дар намоиши «Китоб – дӯсти наздики ман» роҷеъ ба китоб шеърҳо хонданд.

– Дар ин муассисаи таълими томактабӣ муҳити солими маънавию маърифатӣ фароҳам оварда шудааст. Аъзои шӯро қаноат ҳосил намуданд, ки кӯдакон мутобиқи арзишҳои миллӣ тарбия мегиранд ва ғояҳои ватандӯстӣ дар зеҳни онҳо ба таври васеъ тарғиб мешавад, – гуфт раиси шӯро профессор Шерзод Қудратхоҷаев.

Вай афзуд, ки бори нахуст ҷаласаи шӯро дар берун аз идораи агентӣ, бевосита дар муассисае сурат гирифт, ки кори таълиму тарбия дар он басо хуб ба роҳ монда шудааст.

– Ман ба чунин ақида устуворам, ки муассисаи таълими томактабӣ ҳаргиз маркази омӯзиши забонҳо намебошад. Дар ин муассиса бояд кӯдак пеш аз ҳама тарбия ёбад ва, албатта, дар баробари ин, ба бозиҳои шавқовар машғул шавад ва зеҳнашро бо донишҳои аввалия такмил бахшад. Гузашта аз ин, одоби мулоқоту муоширатро ёд гирад, ки дар байни мардуми мо аз «Ассалому алайкум» оғоз меёбад, – изҳор намуд узви шӯро Бекзод Шукуров.

Мавсуф боз тазаккур дод, аз лавҳаву навиштаҷот дар як қатор кӯдакистонҳои кишвар, ки тарғиби на забони давлатӣ, балки кадом як забони хориҷист, ифрози нигаронӣ мекунад. Новобаста аз он ки дар муассисаи таълими томактабӣ таълиму тарбия ба кадом забон сурат мегирад, бояд номи ин муассиса ба забони давлатӣ навишта шавад.

Раиси Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Отабек Ҳасанов, ки дар як вақт узви ин шӯро мебошад, қайд намуд, ки тарғиби забони давлатӣ дар ҳар як муассисаи таълими томактабӣ кори умум аст ва инро набояд фаромӯш кард.

– Агар мушаххас карда гӯем, 828 кӯдакистони хусусӣ, 26 ҳазору 190 кӯдакистони оилавӣ ва 1 ҳазору 418 муассиса ба таври давлативу шарикӣ махсуб меёбанд. Дар ҷумҳурӣ аз 3 миллиону 52 ҳазору 970 нафар кӯдакон 2 миллиону 267 ҳазору 294 нафар, ё худ 74,3 фоиз ба муассисаҳои таълими томактабӣ фаро гирифта шудаанд, – гуфт раиси Агентии таълими томактабӣ Агреппина Шин.

Вай афзуд, ки чунин рақам дар ягон кишвари дигар ба қайд гирифта нашудааст ва он рӯз дур нест, ки ин рақам боз ҳам то охири сол боло равад.

Чунин ба назар мерасад, ки Шӯрои машваратии назди агентӣ фаъолияти худро беш аз пеш тавсеа мебахшад ва барои боз ҳам бештар фаро гирифтани кӯдакони шаҳру вилоятҳои кишвар ба муассисаҳои таълими томактабӣ аз наздик бо агентӣ ҳамкорӣ менамояд.

**Мавлуда АСКАРХӮҶАЕВА,**
**котиби матбуоти Агентии таълими томактабии ҷумҳурӣ.**

## СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Ба аҳмақон ҳар қадар арҷ гузоред, сари такаббур ба он андоза боло мекунанд.

**Виктор ГЮГО.**

Аз канори мақбарае мегузаштам, ки рӯйи лавҳи он навишта буданд:

«Дар ин ҷо марде ростгӯ ва сиёсатмадори бузург ба хоби абадӣ рафтааст».

Бори аввал медидам, ки ду нафарро дар як қабр дафн кардаанд.

**Уинстон ЧЕРЧИЛЛ.**

Мардум гоҳе ба ҷойи озодии фикр, ки онро надоранд, озодии суханро талаб мекунанд.

**СУҚРОТ.**

Агар шумо одами хубед, ин маънои онро надорад, ки ҳама шуморо дӯст медоранд.

**Сергей БОДРОВ.**

Дар рӯ ба рӯйи беадолатӣ хомӯш мондан, маънои хайрхоҳ будан ба онро дорад.

**Жан-Жак РУССО.**

Дониши мо маҳсули тафаккур ва таҷрибаи андӯхтаи ҳазорон нафар одамон мебошад.

**Релф ЭМЕРСОН.**

Одобу поквиҷдонӣ неъмати басе гаронбаҳост ва онро набояд аз одамони камбаҳо ҷуст.

**Вуди АЛЕН.**

Танҳоӣ чист? Танҳоӣ ҳамон бошад, ки зиндагӣ пур аз одамон асту туро дар байни онҳо ҳамдиле нест.

**Михаил ЖВАНЕТСКИЙ.**

Ишқ мисли марг қавӣ, вале нозуктар аз шиша аст.

**Ги де МОПАСАН.**

Вақте ғамнок ҳастед, дунё шуморо ба сухра (лабханд) мегирад. Вақте хушҳолед, дунё ба шумо лабханд мезанад. Аммо вақте дигаронро хушҳол мегардонед, дунё назди шумо сари таъзим фуруд меоварад.

**Чарли ЧАПЛИН.**

Баъзеҳо намешунаванд, ки ту чӣ мегӯӣ, вале бархе тавони дарки фикри туро доранд.

**Оноре де БАЛЗАК.**

Кибру ғурур хидматгори шайтонанд. Агар онҳоро идора карда натавонӣ, онҳо туро идора мекунанд.

**Ал ПАЧИНО.**

Тарҷума ва таҳияи
**А. СУБҲОН.**

# ПАЁМИ МАТБУОТИ ТОҶИК

***Дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба пешвози 100-солагии таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» конфронси илмӣ-адабӣ баргузор гардид. Гардонандаи маҳфил муовини раиси ИНТ Равшан Махсумзод дар оғози конфронс иброз дошт, ки ин рӯзнома дар ҳаёти адабию сиёсӣ ва илмии мо нақши муҳим дорад.***

Чанде аз адибонамон кори эҷодиашонро дар он оғоз бахшидаанд. Дар таъсисёбии рӯзнома Садриддин Айнӣ, Шириншо Шотемур, Чинор Имомов ва дигарон талоши зиёд кардаанд. Ҳамин тавр, 25 августи соли 1924 рӯзномаи «Овози тоҷики камбағал» таъсис ёфт.

Аз устод Айнӣ сар карда, дигар адибони зиёӣ дар он навиштаҳои худро нашр менамуданд. Ҳам барои рушди маорифу фарҳанг ва ҳам барои ташкил ёфтани ҷумҳуриамон нақши ин рӯзнома зиёд аст. Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун пешоҳанг ҳам худ дар он мақолаҳо менавишт ва ҳам дигаронро ба навиштан ташвиқ мекард. «Овози тоҷик» нахустин мактабест, ки дар он рӯзноманигорони мо тарбия ёфтаанд.

– Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чанд мақола дар бораи камина ба нашр расидаасту чандин номаамро ҳам чоп кардаанд. Соли 1995 бо академик Муҳаммад Осимӣ, Камол Айнӣ ва Гулназар Келдӣ дар Тошканд меҳмони рӯзнома будем. Он замон сармуҳаррир Шавкат Ниёзов буданд, ки ба кори рӯзнома ҷиддӣ муносибат доштанд, – гуфт Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад.

Нависанда Мирзо Шукурзода аз он ёдовар шуд, ки дар замони шӯравӣ дар рӯзномаи мазкур таҷрибаомӯз будааст.

Нависандаи ҳаҷвнигор Наҷмиддин Шоҳинбод аз пажӯҳишҳои суратёфта дар бораи «Овози тоҷик» ва ибтикороти минбаъда дар ин самт сухан карда, таъкид намуд:

– Дарояндаи наздик баргузории ҳамоиши байналмилалии иттифоқҳои журналистони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар назар аст. Ва китоби муштараки донишномаи «Овози тоҷик» ба нашр мерасад. Дар вилояти Суғд ҳам ҳамоише таҳррезӣ хоҳад шуд.

Ҳамзамон пажӯҳишгар ва рӯзноманигор Қурбон Аламшо дар мавзӯи саҳми Шотемур дар тақвияти ин рӯзнома маводҳои нодир дарёфт кардааст, ки ба наздикӣ ба табъ мерасанд.

Профессор Мурод Муродӣ чунин изҳори назар кард:

– Дар бораи нашрияе, ки имрӯз суҳбат дорем, профессор Азимҷон Азимов рисолаи номзадӣ навишт, профессор Иброҳим Усмонов ҳамчун пажӯҳишгар корҳои зиёд ба анҷом расонд, мо ҳам як силсила мақола чоп намудем. Зеро ин нашрия барои даҳҳо рисолаи илмӣ мавод дода метавонад. Чунки инъикосгари ҳаёти мардум буда, аз таърихи тоҷикон дифоъ кардааст. Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Абдуқаюм Қурбӣ, Ҳоҷӣ Муин, Тӯрақул Зеҳнӣ, Баҳриддин Азизӣ ва чандин нафари дигар неруи худро барои чопи рӯзнома сарф намудаанд. «Овози тоҷик» модари матбуоти тоҷик аст.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ато Ҳамдам, рӯзноманигор Қироншоҳ Шарифзода, корманди Китобхонаи миллӣ, пажӯҳишгар Сулаймон Эрматов ва дигарон низ дар бораи рӯзномаи «Овози тоҷик» андешаҳо баён доштанд.

**Ҳафтавори «Адабиёт ва санъат»,**
**1 майи соли 2024.**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

# СИФАТ ВА САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМ АФЗУН МЕГАРДАД

***Ислоҳоте, ки дар соҳаи таълим амалӣ мешавад, баробари баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, барои аз худ кардани дониши баланду сифатноки фарзандони мо шароит фароҳам меоранд. Ба шарофати имзо гардидани як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар ин самт, сифат ва самаранокии таълим, инчунин дастовардҳои соҳа бамаротиб афзуд.***

Аз тарафи Президент имзо гардидани Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1-уми феврали соли 2024 «Дар бораи мақоми омӯзгор» низ қадами муҳим дар ин самт шуд. Дар қонуни мазкур ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ, кафолатҳои асосии фаъолияти педагогҳо, музди шоистаи корӣ, рағбатноксозӣ ва тамоюлҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо ба таври мушаххас муқаррар гардиданд.

Мувофиқи қонуни мазкур минбаъд ба шахсе, ки бори аввал дар муассисаи таълими умумӣ фаъолияти касбии худро оғоз мекунад, барои пешбарии фаъолияти муаллимӣ дар давоми як соли таҳсил педагоги ботаҷриба вобаста карда мешавад. Ин албатта, барои идома ва пурзӯртар гардидани анъанаи «Устоду шогирд» дар мактабҳои ҳамагонӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, дар асоси қонун як қатор талабот ва супоришот ба омӯзгорон манъ карда шуд. Аз ҷумла, ҷалб намудани педагогҳо ба корҳое, ки ба фаъолияти касбии онҳо алоқаманд нестанд, масалан, корҳои ободонӣ ва хоҷагии қишлоқ, аз омӯзгорон талаб кардани таҳия ва тақдим намудани ҳисобот ва дигар маълумотҳое, ки ба ӯҳдадориҳои касбиашон вобастагӣ надоранд (масалан, ташаккули ҳисобот дар бораи бо кор таъмин намудани хатмкунандагон), ба зиммаи муаллим вогузоштани маҷбурияти хариди мол ва хидматҳо, бе ризоияти хаттии ӯ аз маош нигоҳ доштани маблағ барои молу хидматрасонӣ манъ карда шудааст.

Имрӯзҳо дар мактаби мо бо мақсади таъмини иҷрои қонуни мазкур чорабиниҳои судманд амалӣ мегарданд. Бахусус, мо дар бобати ба роҳ мондани ҳамкории «Падару модар, мактаб, маҳалла» корҳои амалиро оғоз намудаем.

Набояд фаромӯш кард, ки илм роҳи ягонаи наҷоти инсон аст. Ҳалли ҳамаи масъалаҳо, албатта, ба соҳибони илм вобаста мебошад. Беҳуда олими маърифатпарвар Абдулло Авлонӣ нафармудааст, ки «Таълиму тарбия барои мо масъалаи ҳаёт ё мамот, ё наҷот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат аст».

**Рауф РАУПОВ,**
**омӯзгори мактаби таълими умумии рақами 19-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё.**

# КӮКДАЛА ОБОД МЕГАРДАД

Кӯкдала ноҳияи ҷавонтарини вилояти Қашқадарё маҳсуб ёфта, вақтҳои охир бо суръати баланд тараққӣ мекунад. Ин ноҳия 19 апрели соли 2022 бо қарори Президенти Ӯзбекистон ташкил шудааст. Ҳудуди он аз 171 ҳазор гектар замин иборат буда, 42 ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаҳоро муттаҳид сохтааст. Маркази маъмурии ноҳия аз сифр бунёд ёфта, солона даҳҳо биноҳои замонавӣ қад рост мекунанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Кӯкдаларо зери назорати худ гирифта, нақша дорад дар муддати се сол ин мавзеъро аз ҳар ҷиҳат обод созад. Дар доираи ин ободкориҳо биноҳои нав бунёд мегарданд ва зиндагии мардум дар ин макон тағйир ёфта, аз ҳар ҷиҳат ҷолибтар мешавад.

Чанде пеш бинои маъмурие сохтаву ба истифода дода шуд, ки тамоми 38 идораву ташкилоти давлатӣ бо шумули ҳокимияти ноҳияи Кӯкдала дар он мақом гирифтанд. Ин бинои муҳташам аз чаҳор ошёна иборат буда, дар ҳар қабат толори замонавию муҷаҳҳази хурду бузург дорад, ки ба баргузории маҷлисҳои гуногун, аз ҷумла видеоселекторҳои сатҳи баланд пешбинӣ шудаанд. Дар маҷмӯъ як биное маҳсуб меёбад, ки дар асоси ашёи сарфакунандаи энержӣ бунёд шудааст. Дар боми бино панелҳои офтобӣ низ насб гардидаанд, ки як қисми талаботи идораҳои маскуни биноро бо неруи барқ таъмин хоҳанд намуд.

Ӯктам Абдураҳимов, муовини ҳокими ноҳия гуфт, зери як бино ҷой додани тамоми идораҳои давлатӣ тарҳи оқилонаест, ки ба сифати кори роҳбарият афзуда, муроҷиатҳои бошандагони ноҳия низ дар робита ба муаммоҳои пешомада дар зудтарин фурсат омӯхта хоҳанд шуд.

Бояд гуфт, ки дар ин бино барои шаҳрвандон толори интизорӣ мавҷуд буда, як гӯшаи он барои кӯдакон муҷаҳҳаз гаштааст. Як бунгоҳи тиббӣ низ мавҷуд аст, ки дар алоҳидаги қабул ва кумаки аввалия ба шахсони маълӯлро ҳам дорад. Хонаҳо барои истироҳати кӯтоҳмуддат низ пешбинӣ шудаанд, ки самаранокии кори кормандони идораҳоро таъмин хоҳанд сохт. Дар таҳхонаи бинои мазкур ошхонаи дорои 140 ҷойи нишаст ва толори варзишӣ ҷойгир шудааст.

Мардуми ноҳияи Кӯкдала барои чунин тӯҳфаи бебаҳо аз роҳбарияти ҷумҳурӣ сипосгузоранд.

**Аҳрор СОДИҚОВ,**
**котиби матбуоти ҳокимияти вилояти Қашқадарё.**



# КОНСЕРТИ ҲИСОБОТӢ

***Дар мактаби мусиқӣ ва санъати рақами 16-уми ноҳияи Чуст бо ҳамкории шуъбаи маданияти ноҳия ва таълимгоҳ таҳти унвони «Ҷилои рақсҳои зебо» консерти ҳисоботии хонандагони синфи хореографӣ баргузор шуд.***

Дар он «Навбаҳор омад», «Валси гулҳо», «Дар салқинии саҳаргоҳон», «Сурхонӣ», «Гулбону», «Рақси лӯхтак», «Гурбаҳо», «Попурии миллӣ», «Рақси гурҷӣ» ва «Дар куҷо ҳастӣ, Ӯзбекистон!» барин як силсила рақсҳои рангорангу дилрабо аз ҷониби раққосаҳои наврас бо марому маҳорати баланд иҷро шуданд. Инчунин дар чорабинӣ сарояндагони дастаи суруд ва рақси мардумии «Чуст таронаalari» Дилмурод Темиров, Гулбаҳор Латифова, Эргашалӣ Мамадалиев ва Ҳикматулло Аҳмадҷонов бо таронаҳои дилнишини худ иштирок карданд.

Директори мактаби мусиқӣ ва санъат Неъматхон Рустамов, аз падару модарон Ш. Қӯчқорова, У. Низомова ва Г. Сатторовaҳо ба ташкилкунандагон, баромадҳои сарояндагону раққосаҳои оянда баҳои сазовор дода, таассуроти самимии хешро баён намуданд.

Дар консерти ҳисоботӣ инчунин фаъолони маҳаллаҳо иштирок карданд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ОФАРИН, ҲУМОЮНҶОН

***Хонандаи синфи 11 мактаби президентии шаҳри Навоӣ Ҳумоюнҷон Ҷабборов гранти донишгоҳҳои пешқадами дунёро ба даст овард.***

Ҷавони навоигӣ бо гранти стипендияи 100 фоизаи Санъат ва фан ба факултаи санъат ва илми Донишгоҳи Торонто қабул гардид.

Ҳамчунин Ҳумоюнҷон Ҷабборов ба донишгоҳҳои Kings College Longon (KCL), University of Warwick ва Uiversity College London (UCL) қабул гардидааст.

Таъкид бояд намуд, ки Донишгоҳи Торонто байни донишгоҳҳои Канада дар ҷойи аввал ва дар рейтинги ҷаҳонии донишгоҳҳо дар мақоми 21 қарор дорад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4222. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.